# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 06.03.2025, № 87

Барои сазовор донистани Расулзода Комрон Бахтиёр, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 26-уми декабри соли 2024, суратмаҷлиси № 75 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Расулзода Комрон Бахтиёр 13-уми октябри соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2015 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм кардааст.

Аз 1-уми феврали соли 2019 то ин замон ба ҳайси омӯзгори кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» фаъолият дорад.

Расулзода Комрон Бахтиёр аз соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба кори таҳқиқӣ машғул аст.

Диссертатсия дар кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Маҳкамзода Дилором Юнус.**

**Муқарризони расмӣ**: **Муъминҷонов Зулфиддин,** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии

фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ва **Абдуллоева Машҳура Нематовна**, номзади илмҳои филологӣ, котиби илмии Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи журналистика, доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ А. Абдулмаҷид, эксперт – доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсенти кафедраи журналистика Сафарзода М.Н., котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими калони кафедраи мазкур Одинаева М.Ҳ. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018–2021)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Расулов, К.Б. Инъикоси ҷойҳои таърихиву сайёҳии водии Вахш дар нашрияи «Хатлон» / К.Б. Расулов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – № 1/1 (95). – С. 49-59.

[2-М]. Расулов, К.Б., Маҳкамзода, Д.Ю. Нақши сомонаҳои иттилоотӣ дар тарғиби мавзеъҳои сайёҳӣ / К.Б. Расулов, Д.Ю. Маҳкамзода // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – Хоруғ, 2023. – № 2 (26) – С. 65-70.

[3-М]. Расулов, К.Б. Инъикоси мавзеъҳои сайёҳии минтақаи Кӯлоб дар матбуоти маҳаллӣ (дар мисоли маҷаллаи «Сафо») / К.Б. Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 264-269.

[4-М]. Расулов, К.Б. Бозтоби мавзеъҳои сайёҳии Хатлон дар саҳифаҳои маҷаллаи «Сафо» / К.Б. Расулов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. – № 4-2 (33). – С. 128-133.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Расулов, К.Б. Инъикоси мавзеъҳои сайёҳӣ дар рӯзномаи «Хатлон» / К.Б. Расулов // Журналистикаи муосири тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмию назариявии устодону унвонҷӯён ва магистрантҳои кафедраи рӯзноманигории факултети Филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бахшида ба 110-солагии матбуоти тоҷик ва 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Бохтар, 2022. – С. 121-127.

[6-М]. Расулов К.Б. Баррасии рушди сайёҳии Тоҷикистон дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон / К.Б. Расулов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Мактаби сарварии Пешвои миллат». – Бохтар, 2023. – С. 208-2013.

[7-М]. Расулов, К.Б. Инъикоси мавзеъҳои сайёҳии Хатлон дар матбуот / К.Б. Расулов // Садафи илм (маҷмуаи мақолаҳои илмию назариявии устодону унвонҷӯён, магистрон ва докторони PhD-и факеултетҳои Филологияи тоҷик ва Педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бахшида ба 26-умин солгарди Ваҳдати миллӣ). – Бохтар, 2023. – С. 178-181.

[8-М]. Расулов, К.Б. Масъалаҳои сайру саёҳат дар «Сафарнома»–и Носири Хусрав / К.Б. Расулов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии

ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» бахшида ба бузургдошти Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Икромов Искандар. – Бохтар, 2023. – С. 341-344.
[9-М]. Расулов, К.Б. Таъмини амнияти сайёҳон – омили пешрафти рушди соҳаи сайёҳӣ / К.Б. Расулов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Кӯлоб, 2023. – С. 103-107.
[10-М]. Расулов, К.Б. Рушд ва инкишофи соҳаи сайёҳии вилояти Хатлон / К.Б. Расулов // Сафинаи илм (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-назариявии устодони факултети Филологияи тоҷик. Ба ифтихори 1020 - солагии Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва 30 - солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Бохтар, 2024. – С. 263-270.
[11-М]. Расулов, К.Б. Инъикоси мавзеъҳои сайёҳии вилояти Хатлон дар матбуоти маҳаллӣ (дар мисоли рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо») / К.Б. Расулов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Бохтар, 2024. – С. 316-322.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» **Сафарзода Эҳсон** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби унвонҷӯ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Агар ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ, истифодаи таҷрибаи нашрияҳои маҳаллии минтақаҳои Тоҷикистон дар самти муаррифӣ ва таблиғи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мавриди истифода қарор мегирифт, ҷанбаи муқоисавию илмии диссерататсия қавитар мегардид.

2. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии масъалаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҳлилу таҳқиқи бештар мегардид, хуб мешуд.

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ низ ба назар мерасад.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, директори китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров **Самадова Дилбар Ҳасановна** мусбат мебошад.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии Данғара **Олимиён Сабрина Шамсулло**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Дар автореферат метавонад мисоли алоҳида, ба монанди таъсири рақобати ВАО-и рақамӣ ба нашрияҳои чопӣ пурратар баррасӣ шавад.

2. Таҳлили қиёсӣ бо матбуоти даврии дигар кишварҳо барои нишон додани хусусиятҳои хоси маҳаллӣ мувофиқи матлаб мебуд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Расулзода Комрон Бахтиёр бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти рӯзноманигорӣ дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо» (солҳои 2018-2021) ба омӯзиши масъалаи нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маводи рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» дар солҳои 2018-2021 сурат гирифтааст. Нашрҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- хусусиятҳои мавзуӣ ва мундариҷавии маводи рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» **баррасӣ гардида**, масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва нақши онҳо оид ба амалӣ шудани барномаву стратегияҳои давлатии соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ **муайян карда шудаанд;**
- вижагиҳои инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» **таҳқиқу баррасӣ гардида,** нақши матбуоти даврии Хатлон дар рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ **собит шудааст;**
- мавқеи жанрҳои публитсистӣ дар инъикос ва баррасии мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар нашрияҳои даврии маҳаллӣ **мушаххас карда шудаанд**;

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон яке аз соҳаҳои рушдкунанда ва самарабахш ба шумор рафта, тавсеаи он ба иқтисодиёти миллӣ низ таъсиргузор мебошад.

Таҷрибаи ибратбахши фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи сайёҳӣ дар кишварҳои пешрафтаи олам ва барои рушди иқтисоди он мамлакатҳо мусоидати назаррас намудани журналистикаи сайёҳӣ (тревел-журналистика) водор мекунад, ки ин навъи журналистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд рушд ёбад.

Матбуот, чун анъана, барои пешниҳоди иттилоот дар бораи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ имконияти бештар дорад. Ин муносибат, аз як ҷониб,

накши муҳим доштани нашрияҳоро дар бозтоби мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар минтақа муайян намояд, аз ҷониби дигар, зарурат ва имконоти таҳқиқи илмии мавзуи баррасишавандаро асоснок мегардонад.

Таҳқиқи мавзуъ бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, анъанавӣ, сифативу миқдорӣ ва далелорӣ анҷом ёфт. Ҳангоми пажӯҳиши мавзуи кори диссертатсионӣ алоқамандиӣ рӯзноманигорӣ бо илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисодӣ, менеҷмент, педагогӣ ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ ба назар гирифта шудааст.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии олимони соҳаи журналистикаи хориҷӣ, аз ҷумла Кун Лин, Абдулвоҳид Эссам, Абдуллоҳ Маҳмуд, Чан Ван Ле, А.А. Ревенко, К.А. Кузина ва муҳаққиқони ватанӣ – Д. Сангинов, А. Абдалимов, М. Қодирова, Р.Д. Диловаров, Ҷ.Н. Ёров, Н.Н. Сайфуллоев, Д.С. Амонова, З.Р. Абдурахманова, Н.Қ. Наимзода, Р.А. Иброгимова, М.Н. Абдуллоева ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар рисола суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба ташаккули журналистикаи соҳавӣ, бахусус, журналистикаи сайёҳӣ (тревел-журналистика), журналистикаи экологӣ (экожурналистика), журналистикаи иқтисодӣ, журналистика ва фарҳанги миллӣ мусоидат намуда, дар дарки касбӣ ва дуруст инъикос намудани мавзуи сайёҳӣ, роҳҳои тарғиби мавзеъҳои табиати нодир, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, зиёратӣ ва дигар анвои сайёҳӣ, инчунин ҳунарҳои мардумӣ дар вилояти Хатлон замина мегузорад.

Бозёфтҳои илмии бадастомадаро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни курсҳои махсус оид ба журналистикаи сайёҳӣ, журналистикаи экологӣ, журналистика ва фарҳанги миллӣ барои донишҷӯёну магистрантони факултету шуъбаҳои журналистика ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, реклама ва PR, ширкатҳои сайёҳӣ ва дар фаъолияти касбии воситаҳои ахбори омма истифода кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии журналистикаи ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи матбуоти маҳаллӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Дар раванди омӯзиш ва баррасии мавзуъ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокнамоии мубрамии мавзуъ, ҳадафи таҳқиқ ва иҷрои вазифаҳо истиқлоли андешаи муаллиф ба назар мерасанд. Диссертант дар мисоли нашрияи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» нақши матбуоти даврии маҳаллиро дар инъикос ва тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои пажӯҳишро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои рӯзноманигорӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 6-уми марти соли 2025 дар бораи сазовор донистани Расулзода Комрон Бахтиёр ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Бобомаллаев И.Ҷ.

06.03.2025.